# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03. – таърихи фалсафа) профессор Назариев Р.З. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03. – таърихи фалсафа) профессор Зиёев И.Ғ. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.03. – таърихи фалсафа) профессор Комилов Р.С. (аъзо) диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборовичро дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. фарогирандаи ҷанбаҳои таърихӣ ва диншиносии институти оила дар зардуштия ва ислом мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Институти оила ягона ниҳоде мебошад, ки инсон аз таваллуд то ба охири зиндагиаш дар он мемонад. Оила институти муҳимтарини ҷамъияти инсонӣ мебошад. Омӯзиши масъалаи оила ва нақши он дар инкишофи ҷомеа соҳаи махсуси инкишофёфтаи донишҳои фалсафӣ ва таърихию диншиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилу таҳқиқи илмӣ-диншиносии институти оила барои коркарди сиёсати иҷтимоии давлат нақши калидиро мебозад. Ба хусус, омӯзиши ниҳоди мазкур аз нуқтаи назари ду таълимоти аҳамияти таърихӣ ва фалсафӣ-иҷтимоидошта дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо аҳамияти хосса дошта, ба мо имкон медиҳад, ки аз ҳолатҳои гузаштаи ин институти ҳаётан муҳим огоҳӣ пайдо намуда, бо шароити ҳозираи он муқоиса намоем. Зеро,

ҷомеаи инсонӣ пайваста дар тағйирёбӣ ва дигаргуншавӣ қарор дорад. Институти оила низ баробари ҷомеа тағйир ёфта, ба ҳаргуна ислоҳоти иҷтимоӣ мутобиқ мегардад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи мазкур аз аҳамият холӣ набуда, баҳри таҳқиқоти назариявии таърихӣ, диншиносӣ, фалсафӣ ва ғ. ниҳоят мубрам мебошад. Илова бар ин, ҳангоми таҳия намудани дастурҳои таълимӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба мавзуъҳои илмҳои диншиносӣ, фалсафаи дин, этика ва ғ. истифода кардан мумкин аст. Ба андешаи ҳайяти комиссияи экспертӣ диссертатсияи ташхисшаванда на фақат дорои арзиши назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария ва раванди таълим ба таври фарох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1 феврали соли 2022, таҳти №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистн унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Одинаев Б.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Одинаев Б.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, профессор сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти

фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ;

- Зокирзода Нусратулло Мелик – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назариев Р.З.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ **Зиёев И.Ғ.**

доктори илмҳои фалсафа, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Комилов Р.С.

**Имзои профессор Назариев Р.З.-ро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони Шуъбаи
кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Шозедов Х.Н.
«27» 01 2024 с.

**Имзои профессорон Зиёев И.Ғ. ва Комилов Р.С.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«27» 01 2024 с.